Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда шудааст.**

Таваррум ҳамчун падидаи иқтисодӣ дар хоҷагидории ҷамъият мавқеи хоса дошта, ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амнияти иқтисодии мамлакат таъсири муассир мерасонад. Дар шароити муосир, ки тағйиротҳои куллӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон ба миён омада истодааст, идоракунии раванди таваррум барои татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва идоракунии селаҳои молиявӣ мубрамияти хосаро пайдо мекунад. Механизмҳои молиявии танзим ва идоракунии таваррум таҷдиди низоми идоракуниро дар сатҳи ҳама субъектони хоҷагидорӣ тақозо менамояд. Зеро раванди таваррум мушкилотҳои идоракунии молиявиро барои ба даст овардани фоида ба миён меорад. Бинобар ҳамин идора намудани таваррум ба воситаи механизмҳои молиявӣ барои қонеъгардонии манфиатҳои сармоягузорон, хоҷагиҳои хонавода, корхонаҳо ва бахши давлатии иқтисодиёт равона карда мешавад. Маълум аст, ки таварруми идоранашаванда ба мушкилоти қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба тақсимоти даромадҳо сабаб гардида, ба нодуруст муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Мушкилоти таваррум пеш аз ҳама барои қишрҳои аҳолӣ, ки даромади устувор доранд таъсири манфии худро мерасонад. Ҳамзамон таваррум ба таъминоти молиявии раванди такрористеҳсол ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат таъсир мерасонад. Бинобар ҳамин такомули идоракунии таваррум ба воситаи механизмҳои мухталиф, алалхусус молиявӣ аҳаммияти ниҳоят зарурӣ дорад.

Маҳз бо гуфтаҳои боло мубрамият ва саривақтии таҳқиқоти илмии Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ муайян карда мешавад.

Мутолиаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар асоси дуруст муқаррар намудани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот ба як қатор натиҷаҳои илмии назаррас ноил гардидааст.

Дар асоси муколами илмӣ бо афкори олимон-иқтисоддонҳои ватанӣ ва хориҷӣ, муаллиф табиати таваррумро “ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодии комплексӣ на танҳо ҳамчун натиҷа, балки инчунин, ба сифати яке аз роҳҳои дарёфти ҳалли муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ” муқаррар кардааст (с.9). Чунин хулосабарории унвонҷӯ бо далелҳои назариявӣ ва методологӣ асоснок карда шудаанд (с. 10-11).

Муносибати Хушвахтзода Д.С. доир ба муқоисакунии сатҳи таваррум дар кишварҳои хориҷа ба таҳқиқот арзиши илмии хосаро зам кардааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи идоракунии раванди таваррум дар кишварҳои хориҷӣ, муаллиф татбиқи сиёсати зиддитаваррумиро ва воситаи гурӯҳбандии омилҳо муқаррар кардааст, ки ҷолиби диққат мебошад (с. 17-18).

Бо истифода аз усули таҳлили эмпирикӣ, унвонҷӯ тавонистааст, хусусиятҳои таваррумро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, дар ин васила механизми молиявии идоракунии таваррумро аз ҷиҳати макро ва микроиқтисод мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар натиҷа шакл, моҳият ва дараҷаи таъсиррасонии таваррум ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян карда шудаанд.

Бо мақсади муқаррар намудани самтҳои такомули низоми идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқи муносибатҳои консептуалии падидаи таваррум таҳқиқ карда шудаанд. Чунин муносибат ба Хушвахтзода Д.С. имкон дод, ки захира ва имкониятҳои рушди иқтисодии кишвар дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ вобаста аз идоракунии молиявии таваррум муайян карда шаванд (расми 4, с. 27).

Натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ ба Хушвахтзода Д.С. имкон фароҳам овард, ки хулосаи мутлақо дуруст ва ба амалия мувофиқро баён намояд, ки чунин аст “маҳдуд будани захираҳои қарзӣ дастгирии субъектҳои иқтисодиро коста гардонида, раванди маблағгузорӣ барои рушди истеҳсолоти ватанӣ ғайрисамаранок мешавад. Дар ин маврид кӯшишҳои давлат дар самти маҳдуд кардани ҳаҷми пул дар муомилот таъсирбахш набуда, субъектҳои иқтисодӣ ташаббускориҳои навоварона ва замонавиро бинобар сабаби рақобатпазир набудан аз даст медиҳанд”.

Шиносоӣ ба мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф нишон медиҳад, онҳо мазмун ва мундариҷаи асосии таҳқиқоти илмиро фарогир мебошад.

Новобаста ба дастовардҳои назарраси илмӣ, вобаста ба автореферати диссертатсия чунин мулоҳиза ба назар мерасад, ки:

1. Имкониятҳои маҳдуди ҳаҷми автореферат, эҳтимол, унсурҳои пулӣ ва коэффитсиенти мултипликатори пулиро пурра фаро гирифта натавонистанд, вале таҳлили онҳо ҷанбаҳои амалии кори тадқиқотиро боз ҳам қавӣ мегардонид.

Боиси таъкид аст, ки мулоҳизаи мазкур, ба сифати кори таҳқиқотӣ таъсир намерасонад, мазмун ва моҳияти авторефератро тағйир надода, хислати тавсиявӣ дорад.

Умуман, сохтори автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
Маҳаллаи 28, х-2Б, ҳ-10
Тел: (+992) 92 845 00 54
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

«____» ________________ 2026с.

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39.
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: rector@hgu.tj
«____» ________________ 2026с.